# ҲОМИИ ОМӮЗГОР

№ 10 (184)
23 ОКТЯБРИ СОЛИ 2024
Оғози нашр 18 декабри соли 2009

НАШРИЯИ ИТТИФОҚИ КАСАБАИ КОРМАНДОНИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


## МО БОЯД БА ҚАДРИ ИСТИҚЛОЛУ ОЗОДӢ, СУЛҲУ СУБОТИ КОМИЛ ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ РАСЕМ

### СУХАНРОНИИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ВАРЗИШГОҲИ ШАҲРИ ХОРУҒ

13.10.2024, шаҳри Хоруғ

**Ҳамватанони азиз!**

Мардуми ватандӯсту сарбаланди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон чанде пеш ҷашни муқаддасу бузурги миллӣ – 33-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистони маҳбубамонро дар фазои сулҳу суботи комил ва бо дастовардҳои арзанда истиқбол гирифтанд.

Тайи чанд рӯзе, ки мо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон қарор дорем, натиҷаву маҳсули заҳмати содиқонаву софдилонаи сокинони онро хуб мушоҳида намудем.

Бинобар ин, ба кулли мардуми вилоят барои дастгирии сиёсати пешгирифтаи Давлату Ҳукумати мамлакат, заҳмати созандаву ободгарона ва истиқболи самимӣ изҳори сипос менамоям.

Мехоҳам бо ифтихору қаноатмандӣ иброз намоям, ки чорабинии имрӯза низ самараи истиқлолу озодӣ, сулҳу оромӣ, суботи комили сиёсӣ ва ваҳдати миллии мардуми шарафманди Тоҷикистон мебошад.

Истиқлолу озодӣ барои ҳар халқу миллат дастоварди бузургтарин ва неъмати муқаддастарин ба шумор меравад.

Ҳазорон маротиба шукр мегуем, ки имрӯз мову шумо давлати соҳибистиқлоли худро дорем, соҳиби Ватани озоди худ ҳастем, ки он бо азму талоши мардуми шарифи кишвар, аз ҷумла, сокинони сарбаланди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон рӯз ба рӯз ободу зебо гардида истодааст.

Хотирнишон менамоям, ки Истиқлоли давлатӣ барои мо на танҳо як воқеияти сиёсӣ, балки масъулияти бузурги маънавӣ дар назди имрӯзуояндаи давлат, миллат ва Ватан мебошад.

Мардуми Тоҷикистон, аз ҷумла, сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон хуб дар ёд доранд, ки кишвари мо дар давоми 33 соли соҳибистиқлолӣ ва хусусан, солҳои нахустини он масири бениҳоят вазнину душвор ва пур аз монеаву мушкилотро сипарӣ намуд.

Вале мардуми мо ин роҳи душвору сангинро ба хотири ҳифзи истиқлолу озодӣ, таҳкими сулҳу субот, Ваҳдати миллӣ, пешрафту тараққиёти давлат ва ободии Ватан бо сабру таҳаммул ва заҳмати содиқонаву аҳлона тай карданд.

Ҳамзамон бо ин, бо ифтихору сарфарозӣ изҳор медорам, ки таърихи беш аз се даҳсолаи гузашта барои



мо давраи болоравии бесобиқаи ҳисси миллӣ, ифтихори ватандорӣ, ташаккули худшиносиву худогоҳӣ ва ҳифзи манфиатҳои давлату миллат гардид.

Муҳимтар аз ҳама, дар ин давра мо ба дастоварди ниҳоят арзишманди таърихӣ – Ваҳдати миллӣ, ки роҳро барои пешравию комёбиҳои беназири ин марҳалаи давлатдории навини тоҷикон ҳамвор сохт, ноил гардидем.

Яъне, дар ин давра мардуми мо миллати куҳанбунёду тамаддунсоз будани худро исбот карданд, қобилияту қудрати хешро барои анҷом додани корҳои бузург ва бартараф намудани мушкилоту монеаҳои сахту сангин нишон доданд.

Рушди имрӯзаи шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, пешрафту ободиҳои дар қаламрави он амалигардида ва бамаротиб беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии сокинони вилоят мисоли равшани ин мебошад.

Дар робита ба ин, як нуктаро хотирнишон месозам: дар даврони соҳибистиқлолӣ бо ташаббус ва дастгирии Ҳукумати мамлакат дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон корҳое ба анҷом расонида шуданд, ки дар замони гузашта иҷрои онҳоро умуман ғайриимкон медонистанд.

Дар ин давра бисёр масъалаву мушкилоти ҳаёти сокинони вилоят бартараф гардида, симои шаҳру ноҳияҳо куллан дигаргун шуд ва чунонки имрӯз мебинем, маркази вилоят ва як қатор ноҳияҳои он ба шаҳри замонавӣ табдил ёфтааст.

Илова бар ин, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои ҳалли мушкилоти асосии мардуми вилоят, яъне, набудани роҳҳо то имрӯз якчанд лоиҳаи бузурги сармоягузории давлатӣ ба маблағи миллиардҳо сомонӣ амалӣ карда шуд.

Дар натиҷа дар ҳудуди вилоят садҳо километр роҳҳои мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ бунёд гардиданд.

Имрӯз рафтуомади бехатару осони аҳолии вилоят ва ҳамлу нақли молу маҳсулот, аз ҷумла, боркашонии байналмилалӣ ба роҳ монда шудааст, ки ин ҳама ба рушди вилоят ва боз ҳам беҳтар гардидани шароити зиндагии сокинони он мусоидат карда истодааст.

Бинобар ин, мо бояд ба қадри истиқлолу озодӣ, сулҳу суботи комил ва ваҳдати миллӣ расем, ин неъматҳои муқаддасу бузурги ҳаётамонро эҳтиёт ва ҳифз намоем.

Хусусан, дар шароити бисёр мураккабу ҳассоси ҷаҳони имрӯза ҳар яки мо вазифадорем, ки дастовардҳои то имрӯз ноилгардидаамонро боз ҳам таҳким бахшем ва корҳои созандагиву ободониро вусъати бештар диҳем.

Ҳар яки мо вазифадорем, ки тамоми саъю талоши худро ба хотири расидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ, махсусан, саноатикунонии босуръати кишвар сафарбар созем, Ватани маҳбубамон – Тоҷикистони соҳибистиқлолро ободу зебо ва нерумანду пешрафта гардонем ва нуфузу обрӯи онро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд бардорем.

Мо бояд ба ҳар зарра хоки ин диёри муқаддас содиқ бошем, худшиносу худогоҳ бошем ва масъулияти фарзандиву шаҳрвандии хешро дар назди давлат, миллат ва Ватани азизамон ҳаргиз фаромӯш насозем.

Ҳоло мардуми шарафманди Тоҷикистон, аз ҷумла, сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар давраи омодагӣ ба таҷлили яке аз санаҳои дар ҳақиқат таърихӣ – 30-солагии қабули аввалин Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли худ қарор доранд.

Ба ифтихори ин ҷашни таърихӣ мо соли 2024-умро «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон кардем, ки ҳадаф аз ин иқдом баланд бардоштани фарҳангу маърифати ҳуқуқии мардум, тақвият бахшидан ба эҳтирому риояи қонуният, яъне, волоияти қонун, таҳкими сулҳу субот ва Ваҳдати миллӣ дар кишварамон мебошад.

Бо эътимоди комил иброз медорам, ки мардуми бонангу номуси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба хотири ободиву пешрафти диёри худ ва Тоҷикистони маҳбубамон минбаъд низ саъю талош карда, дар таҳкиму тақвияти иқтидори давлати соҳибистиқлоли тоҷикон саҳми арзишманд мегузоранд.

Бо истифода аз фурсат хурду бузурги сокинони вилоятро ба ифтихори ҷашни Меҳргон – яке аз ойинҳои бостонии миллати куҳанбунёдамон, ки имрӯз дар саросари кишвари азизамон таҷлил гардида истодааст, инчунин, 30-солагии қабули бахтномаи халқамон – Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрик мегӯям.

Дар ҷодаи муқаддасу пурифтихори ватансозиву давлатсозӣ ба кулли мардуми шарифу сарбаланди Тоҷикистон, сокинони шарафманди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва ҳамаи шумо – ҳозирини арҷманд – саломатӣ, саодати рӯзгор ва барори кор орзу менамоям.

**Ҳамеша тандурусту хонаобод бошед, ҳамдиёрони азиз!**

# ПАЁМИ ТАБРИКИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ОМӮЗГОРОН

**05.10.2024, ШАҲРИ ДУШАНБЕ**



**Муҳтарам устодону омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф!**

Ҳамаи шуморо ба муносибати ҷашни касбиатон – Рӯзи омӯзгорон самимона табрик мегӯям.

Дар кишвари соҳибистиқлоли мо таҷлили Рӯзи омӯзгорон ба рамзи бузургдошти мақоми омӯзгор ва эҳтирому арҷгузорӣ ба заҳмати аҳли маориф барои таълиму тарбияи фарзандони мардуми мамлакат табдил ёфтааст.

Воқеан, омӯзгорон шоистаи ҳама гуна эҳтирому арҷгузорӣ мебошанд, зеро маҳз онҳо имрӯзу фардои ҷомеаро бо заҳмати содиқона ва нури донишу маърифат равшан месозанд.

Ниёгони бузургамон, ки ҳамаашон давраи шогирдиро дар назди омӯзгор сипарӣ намудаанд, дар осори худ мақому манзалати омӯзгорро тавсифу ситоиш кардаанд.

Ин шоҳбайти маъруфи яке аз бузургони миллати тоҷик аҳаммияти худро ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ замон гум намекунад.

**Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,**
**Шавад тира аз беҳирад рӯзгор.**

Дар замони истиқлоли давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат таваҷҷуҳу ғамхорӣ нисбат ба омӯзгорон ба таври бесобиқа афзоиш ёфт ва барои фаъолияти самараноки онҳо марҳала ба марҳала шароити мусоиду шоиста фароҳам оварда шуд.

Дар суханронии худ ба муносибати Рӯзи дониш доир ба таъмин намудани рушди соҳаи маориф ҳамчун самти афзалиятнок, баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа ва мушкилоту масъалаҳои ҳалталаби таълиму тарбияи наслҳои наврасро муфассал таҳлил кардам.

Ҳоло бори дигар таъкид месозам, ки мо ба хотири пешрафти давлат, оромиву суботи ҷомеа ва ободии Ватан бояд рӯ ба илму маориф оварем.

Зеро дар замони пешрафту тараққиёти босуръати илму техника ва технологияҳо таъмин намудани рушди илму маориф, яъне баланд бардоштани сатҳи саводу маърифати мардум ва тарбияи кадрҳои баландихтисос ягона роҳи баробар бо ҷомеаи мутамаддини башарӣ қадам задан мебошад,

Дар ин кори пурзаҳмат, вале пуршараф, киояндаи ободи давлат ва ҷомеа аз он вобастагии мустақим дорад, нақши омӯзгорон бузург мебошад.

Дар робита ба ин, имрӯз ҳалли бисёр масъалаҳои мубрами соҳаи таълиму тарбия, аз ҷумла, дастрасӣ ба меъёрҳои байналмилалии таҳсилот, ҷорӣ кардану васеъ истифода бурдани технологияҳои навини соҳа, таҳия ва нашри насли нави китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия, дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарстӣ ва ҳисси баланди миллӣ тарбия кардани насли наврас низ, пеш аз ҳама, вазифаи омӯзгорон ба ҳисоб меравад.

Бовар дорам, ки омӯзгорони сарбаланду пуршарафи мо рисолати инсонсози худро хуб дарк мекунанд ва фаъолияти хешро дар ҷодаи ба камол расонидани наслҳоиояндасоз минбаъд низ бо масъулияти баланд идома медиҳанд,

Бори дигар кулли устодону омӯзгорон ва аҳли маорифи кишварро ба ифтихори ҷашни касбияшон - Рӯзи омӯзгорон самимона табрик гуфта, ба ҳар яки онҳо саломатӣ ва дар иҷрои рисолати пуршарафашон муваффақияту барори кор орзу менамоям.

**Ҳамеша саодатманду сарбаланд бошед!**

# АЪЗОЁНИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБА ДАР РУШДУ ПЕШРАФТИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ САҲМИ МУНОСИБ МЕГУЗОРАНД

## ПАЁМИ ТАБРИКИИ РАИСИ ИТТИФОҚИ КАСАБАИ КОРМАНДОНИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЗУЛҲИЯ НОЗАКЗОДА БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБАИ ТОҶИКИСТОН

**Муҳтарам кормандон ва аъзои иттифоқҳои касаба!**

Тавре ки маълум аст, ҳамасола, 24 октябр дар саросари ҷумҳурӣ ҳамчун Рӯзи иттифоқҳои касаба бо шукӯҳу тантанаи хоса таҷлил карда мешавад. Таҷлили Рӯзи иттифоқҳои касаба ба ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон алоқаманд мебошад, зеро дар ҳамин рӯз – 24 октябри соли 2019 бо роҳбарону фаъолони Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон мулоқот анҷом дода буданд.

Рисолати Иттифоқҳои касаба ҳамчун ташкилоти оммавӣ, ҳифзу ҳимояи дастовардҳои Истиқлолияти давлатӣ, таҳкими сулҳу субот дар кишвар, Ваҳдати миллӣ, ҳифзи манфиатҳои иҷтимоиву иқтисодии аъзои иттифоқҳои касаба ва фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ ба ҳар корманд мебошад. Ин рисолат дар Оинномаи Федератсияи Иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон дарҷ гардидааст. Иттифоқи касаба кӯшиш мекунад, ки ҳуқуқҳои конститутсионии ҳар як шаҳрвандро бидуни мансубияти он ба миллат ва дин, ба меҳнат, озодии интихоби касбу кор, шароити одилонаи меҳнат ва манфиатҳои бекорон ҳифз ва низоми иҷтимоии одилонаи музди меҳнат ва шароити кор татбиқ намоянд. Маҳз иттифоқҳои касаба, аз ҷумла, иттифоқҳои касабаи кормандони соҳаи маориф ва илм дар ҷодаи ба вуҷуд овардани



шароит ва имконоти мусоиди корӣ, беҳдошти сиҳатии омӯзгорону устодон, аъзои оилаи онҳо, бо имтиёзоти муқаррargardida таъмин намудани аъзои иттифоқи касаба саъю талош ба харҷ дода, амалӣ сохтани дастуру қарорҳои Ҳукумат ва Давлатро дар меҳвари фаъолияти худ қарор додааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри фатҳи қуллаҳои нав бомаром пеш рафта истодааст ва дар рушду пешрафти ҷумҳурӣ саҳми маориф хеле бузург аст. Иттифоқҳои касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз панҷсад ҳазор нафар шаҳрванди кишвар (устодон, донишҷӯён ва кормандон)-ро фаро гирифта, ҳамчун зерсохтори Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон фаъолияташро дар асоси қонунҳои амаликунандаи кишвари маҳбубамон амалӣ карда истодааст. Ҳамкориҳои мутақобилан судманди Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ бо Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили кишвар, бахусус, Иттифоқҳои касабаи маориф ва илм дар сатҳи баланд қарор дошта, рӯз ба рӯз беҳ гардидани дараҷаи некуаҳволии зиндагии омӯзгорону устодон, дар умум, кормандони соҳа маҳз ба тадбирҳои дилсӯзонаи андешидаи ин ташкилоти бонуфуз вобастагии зич дорад. Бояд таъкид намуд, ки беҳтар гардидани сатҳу сифати таълиму тарбия ва донишандӯзии хонандагони муассисаҳои таълимӣ аз шароити хуби корӣ, руҳияи болида ва азму иродаи қавии устодону омӯзгорон шаҳодат медиҳад. Ба таъкиди Пешвои миллат: «Ғамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне, ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта- сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ мебошад». Дар роҳи ноил шудан ба дастовардҳо, дар баробари сохторҳои ҳокимияти давлатӣ, иттифоқҳои касаба низ саҳмгузор буда, онҳо ба сифати созмони оммавии мардумӣ масъулияти ширкат дар идоракунии ҷомеа, тарбияи кадрҳо, ҳалли масъалаҳои мубрами ҳаёт ва таъмини адолати иҷтимоӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти кормандон ва ҷиҳати ба амал баровардани вазифа ва салоҳиятҳои қонунии худ бояд тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намоянд.

Боиси хурсандист, ки ба наздикӣ қонун «Дар бораи мақоми омӯзгор» таҳия мегардад. Ин имконият ва даъвати Роҳбари давлат барои риояи эҳтироми омӯзгор ва эътирофи нақши ӯ дар бунёди ҷомеаи солим аз тамоми қишрҳои ҷомеа ҳам маҳз ба хотири ҳифзи мақоми омӯзгорон нигаронида шудааст. Маврид ба зикр аст, ки дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккул ва рушду таҳкими маърифатии ҳуқуқии кормандони Иттифоқҳои касабаи кормандони маориф ва илм нақши калидӣ дорад.

Итминон дорам, ки аъзоёни иттифоқҳои касаба дар татбиқи назорати ҷамъиятии ҳуқуқу кафолатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатии аъзои иттифоқи касаба, ҳамзамон, рушду пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми муносиби хешро мегузоранд.

Ба ифтихори Рӯзи иттифоқҳои касаба ҳар яки шуморо самимона табрику шодбош гуфта, бароятон тандурустӣ, комёбӣ, бахту саодат, файзу баракат ва ба Тоҷикистони маҳбубамон сулҳу суботи ҷовидона ва пешрафту дастовардҳои бузургро орзу менамоям.

**Рӯзи иттифоқҳои касаба муборак!**

## ЧОРАБИНИИ ТАНТАНАВӢ БАХШИДА БА РӮЗИ ОМӮЗГОРОН



5-уми октябри соли 2024 дар "Кохи Сурӯш" чорабинии тантанавӣ бахшида ба Рӯзи омӯзгорон баргузор гардид, ки дар он муовини Сарвазири кишвар Дилрабо Мансурӣ, вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода, муовини якум, муовинони вазири маориф ва илм, намояндагони вазорату идораҳо, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илм, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, сардорони раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои зертобеи вазорат собиқадорони соҳа ва омӯзгорони пешқадам иштирок намуданд.

Нахуст муовини Сарвазири кишвар Дилрабо Мансурӣ Паёми табрикии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бахшида ба Рӯзи омӯзгорон ба ҳозирин ироа намуда, кулли омӯзгорони ҷумҳуриро аз номи Пешвои миллат бахшида ба иди касбиашон шодбош гуфт.

Сипас маросими ҷоизасупорӣ ба ғолибони озмунҳои касбӣ ва сарфарозгардонии омӯзгорони дар фаъолияти худ дорои натиҷаҳои назаррас бо мукофотҳои соҳавӣ баргузор гардида, аз ҷониби муовини Сарвазири кишвар ва вазири маориф ва илм иштирокчиёни озмунҳои ҷумҳуриявии "Омӯзгори соли Тоҷикистон - 2024" ва "Мураббии соли Тоҷикистон - 2024" бо нишони "Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон" ва ғолибони ин озмунҳо бо диплом ва мукофотпулӣ дар ҳаҷми 30 000 сомонӣ ва 10 000 сомонӣ мукофотонида шуданд.

Дар чорабинӣ ғолибони озмуни "Омӯзгори ман – ифтихори ман" бо ифтихорномаву мукофотҳои пулӣ ва 20 нафар омӯзгори кишвар барои хизматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф, гузоштани саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли наврас, тайёр намудани кадрҳои болаёқат ва иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ ба ифтихори Рӯзи омӯзгорон ба нишони "Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон" сарфароз гардонида шуданд. Ҳамзамон бахшида ба "Соли маърифати ҳуқуқӣ" эълон намудани соли 2024, озмуни ҷумҳуриявии "Маърифати ҳуқуқӣ – ойини худшиносӣ" дар чор давр баргузор гардид, ки ғолибони он бо диплом ва мукофотпулӣ дар ҳаҷми аз 5000 то 10000 сомонӣ сарфароз гардиданд.

Ҳамчунин, як қатор омӯзгорони кишвар аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тӯҳфаҳо қадрдонӣ карда шуданд.

Дар идома чорабинии фарҳангӣ пешниҳоди ҳозирин гардид.

## МУЛОҚОТИ СУДМАНД



Бо даъвати Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон бори нахуст ҳайати Федерератсияи иттифоқҳои касабаи Хитой бо роҳбарии муовини раиси Федератсия Ян Юйдун рӯзҳои 12-15 октябри соли ҷорӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд.

Дар рафти ин сафар мулоқоти ҳайати меҳмонон бо раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон Маликшо Неъматзода баргузор гардид.

Ҷонибҳо аз оғози ин ҳамкориҳо изҳори қаноатмандӣ карда, омодагии хешро баҳри вусъати он иброз доштанд.

Дар поёни мулоқоти дуҷониба байни Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Федерератсияи иттифоқҳои касабаи Хитой ба "Меморандуми ҳамкорӣ" имзо гузоштанд. Ҳайати меҳмонони Хитой аз маконҳои таърихию сайёҳии кишвар, аз ҷумла, НБО Норак, Қалъаи Ҳисор, ангурбоғи Турсунзода ва зебогиҳои шаҳри Душанбе дидан карда, таасуроти нек бардоштанд.

Ёдовар мешавем, ки Федератсияи иттифоқҳои касабаи Хитой ташкилоти бонуфузи ҳимоятгари ҳуқуқҳои меҳнаткашон буда, беш аз 260 миллион аъзо дорад.

## РАЁСАТИ ИТТИФОҚИ КАСАБАИ КОРМАНДОНИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ВИЛОЯТИ СУҒД



10-уми октябри соли 2024 дар толори Муассисаи таълимии ғайридавлати "КАНТАКТ"-и шаҳри Исфара Раёсати Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Суғд баргузор гардид. Дар кори он раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Нозакзода Зулҳия, раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Суғд Самизода Мӯсобек, муовини раиси шаҳри Исфара Бобоиён Мадина, сардори раёсати маорифи шаҳри Исфарав Атохонзода Ҳакима ва раисони Иттифоқи касабаи кормандони маорифи шаҳру ноҳияҳо, аъзоёни Раёсат иштирок намуданд.

Тибқи рӯзнома дар оғоз ҳисоботи М.Самизода вобаста ба фаъолияти иттифоқи касабаи маорифи вилоят дар нуҳмоҳаи соли 2024 шунида шуд. Қайд гардид, ки дар нуҳмоҳаи соли 2024 2075 нафар омӯзгорону кормандон ба осоишгоҳҳо сафарбар гардиданд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи иттифоқҳои касабаи кормандони маорифи шаҳру ноҳияҳо 21 маҷлиси пленум бо баррасии 66 масъала ва 53 ҷаласаҳои раёсат бо 200 баррасии масъала гузаронида шудааст. Инчунин, дар Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Суғд давоми нуҳ моҳи соли равон 1 Пленум бо 3 масъала, 2 раёсат бо 13 масъала, 2 раёсати ғайринавбатӣ бо 5 масъала гузаронида шуда, оид ба масъалаҳои мазкур 21 қарори дахлдор қабул карда шуд.

М.Самизода дар қатори дигар масъалаҳо, аз ҷумла, дар идома зикр кард, ки яке аз вазифаҳои муҳимми нозирони меҳнату ҳуқуқ ин пешгирии ҳодисаҳои нохуш, аз кор озоднамоии гурӯҳӣ, пешгирии поймол намудани манфиатҳои меҳнатии кормандон ва ғайраҳо мебошад. Вобаста ба ин масъала, дар давраи ҳисоботӣ дар 495 муассиса санҷиш гузаронида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 68 санҷиш ё 15% зиёд гардидааст.

Дар раванди санҷиш бораи бартараф намудани вайронкуниҳои талаботи қонунгузории ҳифзи меҳнат 398 адад амрнома ба роҳбарони муассисаҳои таълимӣ пешниҳод карда шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 65 адад амрнома ё 19% фоиз зиёд мебошад.

Вобаста ба масъалаи баррасишаванда раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Нозакзода Зулҳия баромад намуда, зикр дошт, ки имрӯзҳо бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо баробари фароҳам овардани шароити мусоид ба насли ояндасоз ба аҳли зиё низ эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Ҳамчунин, дар идома ҷиҳати вусъати фаъолияти Иттифоқи касабаи кормандони маорифи вилоят тавсияҳои судмандро ироа намуд.

Аз рӯйи масъалаи дуюм-дар бораи вазъи иҷрои қарорҳои Пленум ва Раёсат, нақшаи чорабиниҳои Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, иҷрои вазифаҳои оинномавӣ, ҳимояи манфиатҳои иҷтимоиву иқтисодии кормандон, низоми коргузорӣ, ҳуҷҷатнигорӣ дар Иттифоқи касабаи кормандони маорифи ноҳияҳои Деваштич, Зафаробод гузориши Ф.Сайфидинов-нозири ҳуқуқи Иттифоқи касабаи вилоят, аз рӯйи масъалаҳои сеюм-дар бораи ҷамъбасти истироҳати тобистонаи кӯдакону наврасон дар соли 2024 гузориши М.Темурова-сармуҳосиби Иттифоқи касабаи вилоят, аз рӯйи масъалаҳои чорум-дар бораи саривақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2024-2025", риояи талаботи моддаҳои 333, 335 ва 348 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои ибтидоии ноҳияҳои Деваштич ва Зафаробод гузориши Д.Ҳайдаров-нозири ҳифзи меҳнати Иттифоқи касабаи вилояти шунида шуд.

Дар рафти Раёсат, инчунин, дигар масъалаҳо аз рӯйи рӯзномаи ҷаласа баррасӣ гардида, қарорҳои дахлдор қабул карда шуд.

Дар охир ба иттифоқҳои касабаи кормандони маориф ва илми шаҳру ноҳияҳо ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии вилоят низ барои фаъолияти муназзам ва самарабахш аз ҷониби раиси ҷаласа дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

## СУХАНОРОИ МУРОДБЕГ ҒОЛИБИ ОЗМУНИ «МУРАББИИ СОЛИ ТОҶИКИСТОН-2024» ГАРДИД

Даври ҷумҳуриявии озмуни «Мураббии соли Тоҷикистон-2024» баргузор гардид, ки дар он мураббияи Муассисаи давлатии таълимии томактабии №16 ба номи "Ситора"-и ноҳияи Ёвон Сухanорои Муродбег ғолиби озмун эълон гардид.

Дар даври ниҳоии озмун 5 довталаб аз муассисаҳои томактабӣ - Фирӯза Ғаюрова аз шаҳри Душанбе, Дилором Ёрова аз шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Мунира Раҳмонова аз Вилояи Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Малика Шарипова аз вилояти Суғд ва Сухanорои Муродбег аз вилояти Хатлон байни ҳам сабқат намуданд.

Ёдовар мешавем, ки озмуни ҷумҳуриявии «Мураббии сол» ҳар сол бо мақсади баланд бардоштани мақоми таҳсилоти томактабӣ, нишон



додани афзалиятҳои таҳсилоти томактабӣ дар пешрафти ҷомеа, дарёфти мураббиёни боистеъдод, навовар ва эҷодкор, қадрдонии меҳнати онҳо ва баланд бардоштани мақому манзалаташ дар ҷомеа, рушди фаъолияти касбии кормандони соҳаи маориф, тарғиб намудани таҷрибаи пешқадами мураббиёни беҳтарини Тоҷикистон гузаронида шуда, дар ин самт аз тарафи Вазорати маориф ва илм барои дар сатҳи баланд ва шаффоф доир намудани он тамоми чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Дар озмун иштирокчиён аз шаҳру ноҳияҳои мамлакат аз рӯйи шаш шарт - муаррифии фаъолияти омӯзгорӣ, дониш ва маҳорати касбӣ, мизи мудаввар, таҳлили ҳолатҳои равонӣ- омӯзгорӣ, машғулияти таълимӣ, тасвир намудан ва сохтани манзара бо дархости ҳайати доварон ҳунару маҳорати худро санҷиданд.

## ДИЛОРОМ ҶАЛОЛОВА ҒОЛИБИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ОМӮЗГОРИ СОЛИ ТОҶИКИСТОН-2024» ДОНИСТА ШУД



Омӯзгори фанни биологияи Муассисаи таълимии махсусгардонидашуда барои хонандагони болаёқати ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд Дилором Ҷалолова ғолиби Озмуни ҷумҳуриявии «Омӯзгори соли Тоҷикистон-2024» гардида, бо мукофоти пулӣ ба маблағи 30 ҳазор сомонӣ ва туҳфаи хотиравии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистону Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм сарфароз гардонида шуд.

Ҳамчунин, иштирокчиёни озмун – Беҳрӯз Мамаднасимов ва Наргис Ширматова бо нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон», Зебунисо Қосимова ва Гулнора Сулейманова бо «Ифтихорнома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ карда шуданд.

Озмуни "Омӯзгори соли Тоҷикистон" ҳамасола бо мақсади беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти эҷодии омӯзгорон, такмил додани раванди таҳсилот, дарёфт ва ҳавасмандгардонии омӯзгорони эҷодкор, рушди касбии омӯзгорон, дастгирӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар раванди омӯзиш, муайян намудани самтҳои афзалиятноки таҳсилот дар соҳа, инчунин дарёфти кадрҳои боистеъдод ва ба вуҷуд овардани махзани кадрӣ гузаронида мешавад.

Дар озмун иштирокичён аз рӯйи шартҳои муаррифии таҷрибаи корӣ, дарси конкурсӣ аз рӯйи ихтисос, таҳлили дарс, маҷлиси падару модарон, соати тарбиявӣ, ҷавоб додан ба 10 савол ва кор бо компютер ва тахтаи электронӣ ҳунару маҳорат ва донишу малакаи худро нишон дода, барои ғолибият сабқат мекунанд.

**Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба Маҷлиси Олӣ ироа гардид, ҳамчун барномаи мукаммали сиёсиву ҳуқуқӣ рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеаи моро дар соли 2023 мавриди таҳлилу натиҷагирӣ қарор дода, бобати ноил шудан ба дастовардҳои боз ҳам назаррас дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, таҳкими суботу оромии ҷомеа, таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ дар солҳои минбаъда вазифаҳои мушаххас гузошта шуд.

Тибқи муқаррароти моддаи 1 Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона буда, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф карда шудааст. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Ин аст, ки яке аз хусусиятҳои хоси давлати ҳуқуқбунёд мавҷудияти сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад. Вобаста ба ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ то ба имрӯз бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон чандин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои алоҳида қабул кардааст.

Маврид ба зикр аст, ки дар баробари дигар дастовардҳои даврони истиқлолият яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо ин қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки санаи 6 ноябри соли 2024 сиюмин солгарди он таҷлил карда мешавад. Ба ифтихори ин санаи бисёр муҳимми таърихӣ Сарвари давлат пешниҳод намуданд, ки соли 2024 “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон карда шавад. Ин пешниҳоди Роҳбари Олии мамлакат боз ҳам дар баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, таъмини волоияти қонун, тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳия риояи талаботҳои қонун ва эҳтиром ба он, тарғиби арзишҳои демократӣ, риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва эҳтиром ба давлату миллат нақши муассир дорад.

Мақсади асосии қабул ва татбиқи ин пешниҳод аз вазифаҳои зерин иборат аст:




-риояи Конститутсия ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули ҳисси масъулиятшиносӣ ва ватандӯстӣ;

-баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон;

-таъмини дастрасии тарзу усулҳои қонунии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон;

-тарғиби арзишҳои демократӣ, дарк намудани ягонагии ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асоси инсон ва шаҳрванд, таъмини иштироки фаъоли аҳолӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона бо он;

-баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳия эҳтиром нисбат ба он ва аз байн бурдани ҳеҷангори (нигилизмӣ) ҳуқуқӣ;

-байни шаҳрвандон ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ ва ногузирии масъулияти ҳуқуқӣ;

-баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

-ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектони ҳуқуқӣ;

-ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон;

-ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи дониш ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон истифодаи иқтидори илмиву фарҳангии ҷомеа.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандиро ҳадафи имрӯза ва ояндаи инкишофи худ қарор додааст. Аз ин рӯ, дар раванди ташаккули чунин давлат ва ҷомеа ҳуқуқ нақши бузург ва ҳалкунанда дорад. Дар чунин давлат ҳамагуна муносибатҳо бояд дар асоси ҳуқуқ ва қонун танзим карда шаванд. Волоияти қонун ҳамчун нишонаи асосии давлати ҳуқуқбунёд аз ҷониби ҷомеа воқеан бояд дарк карда шавад. Дар ҷомеаи муосир қонун ҳамчун воситаи танзимкунандаи ҳама паҳлуҳои ҳаёти ҷомеа нақш ва мавқеи муҳим дорад, зеро пешрафти ҷомеа фақат бо роҳи танзими қонунӣ ва одилонаи муносибатҳои ҷамъиятӣ имконпазир аст. Маърифати ҳуқуқӣ танҳо аз моҳияти ҳуқуқӣ иборат нест, балки бо маҷмуи арзишҳои маънавӣ, ба монанди расму оинҳои миллию ахлоқӣ оид ба некию некӯкорӣ, раҳму шафқат ва дилсӯзӣ, ростию росткорӣ, ҳақиқату адолат ва дигар арзишҳои миллӣ, ки дар таърихи миллат исбот шудааст, пайванди ногусастанӣ дорад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ рушд ёфтани муносибатҳои иқтисодӣ, раванди афзоиши иттилоот ва проблемаҳои маърифати ҳуқуқӣ, тарбия ва таълим мазмуни нав пайдо кардаанд. Имрӯз риояи қатъии қонун як тамоюли муайяни меъёриро ифода мекунад ва дар атрофи худ ҷомеаи шаҳрвандӣ, воситаҳои ахбори омма, табақаҳои иҷтимоӣ ва қувваҳои ҷамъиятӣ-сиёсиро муттаҳид месозад.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки маърифати ҳуқуқӣ бояд аз оила оғоз гардад. Имрӯзҳо қисми зиёди аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳад ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак” волидонро масъул ва вазифадор менамояд, ки фарзандони худро дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун ва арзишҳои миллӣ тарбия намоянд. Ин ҳама ба хотири инкишофи ҳамаҷонибаи фарзанд ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кӯдак равона гардидааст. Волидонро лозим аст, ки худ қонунҳоро донанд, онро дарк ва риоя намоянд ва ба кӯдаки худ омӯзанд.

Дар ин вазифаи масъулиятнок мо бояд бетараф набошем ва аз таҷрибаи корӣ, донишу малака ва имкониятҳои ҷойдошта васеъ истифода карда, баҳри баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон корҳои назаррасро ба сомон расонем. Вохӯрӣ ва маҷлисҳои сайёрро бо сокинони маҳал ва коллективони меҳнат ба маротиб зиёд намуда, тарғибу ташвиқи қонунҳоро бо роҳи чопи маводҳои илмию таълимӣ ба роҳ монем. Чорабиниҳои гуногуни таълимию тарбиявиро ба хотири баланд бардоштани фарҳангу маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон хубтару беҳтар ба роҳ монем.

**Н. ШЕРМАТОВА,**
**омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқи мактаби №64-и ноҳияи Варзоб**

# МАКТАБИ БУЗУРГИ ТАРБИЯДИҲАНДА



Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон гардидани соли 2024 аз ҷониби Асосгузори сулҳу вадати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии Тоҷикистон саҳифаи нав боз намуд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои боз ҳам баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва камолоти фарҳангии аҳолӣ, шуури ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии мардуми мамлакат имсолро Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон намуданд, ки ин иқдоми наҷиб ба ҳисоб меравад.

Асосгузори сулҳу вадати миллӣ, - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар суханрониву мулоқот ва суҳбатҳояшон иброз намуданд, ки баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аъзои ҷомеа, дар замири ҳар шаҳрванд парваридани ҳисси масъулият барои пешрафти мамлакат, эҳтироми амиқ ба арзишҳои фарҳангиву зеҳнии миллат, шинохт ва арҷгузориву риояи ҳуқуқи инсон шарти аслӣ ва ҳатмии давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мебошад.

Таъмини волоияти қонун ва риояи ҳатмии ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон омили асосии пойдории тартиботи ҷамъиятӣ, сулҳу субот ва оромию осоиши ҷомеа мебошад. Эълони Соли маърифати ҳуқуқӣ иқдоми муҳим ва арзишманд буда, метавонад дар такмил ва танзими қонунгузории мамлакат, баланд бардоштани донишу тафаккури ҳуқуқии шаҳрвандон, қонуният, баробарӣ ва адолат асоси воқеӣ гузорад.

Давоми солҳои соҳибистиқлолӣ раванди ислоҳоти ҳуқуқӣ тамоми паҳлуҳои зиндагии ҷомеаро фаро гирифт ва роҳҳову самтҳои инкишофро муйаян намуд. Нуқтаи асоситарини татбиқи ин ислоҳот қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1994 мебошад, ки таҷассумгари бақои давлату миллат мебошад. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон вазифаи муҳимтарини давлатӣ маҳсуб меёбад, ки роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро интихоб намудааст.

Эълон гардидани соли 2024 “Соли маърифати ҳуқуқӣ”, ин барои инкишофу такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ таъсири мусбат мерасонад.

Бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ ва нақши калидии шаҳрвандони аз нигоҳи ҳуқуқӣ бомаърифат дар таъмини пешрафти давлатдории миллӣ дар пайи татбиқи иқдомоти пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакат заминаи мукаммали ҳуқуқию қонунӣ фароҳам омадааст. Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати мамлакат, барномаҳои давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ таҳия ва қабул гардидаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28-уми декабри соли 2023 қайд намуданд: «Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва Ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем. Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳимми таърихӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад».

Такия ба ин иқдоми наҷиби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бояд тазаккур дод, ки дар фарҳанги мардуми куҳанбунёди тоҷик оила ҳамчун институт, мактаби бузурги тарбиядиҳанда ва ниҳоди муқаддас эътироф гардидааст, зеро беҳтарин арзишҳои инсонӣ, аз қабили муҳаббату садоқат, самимияту вафодорӣ ва ҳамдигарфаҳмиву таҳаммулгароӣ, сухан гуфтан ва қадам гузоштан ба ҳаёти мустақилона маҳз дар оила аз бар карда мешаванд. Аз ин рӯ, нозири меҳнат ва ҳуқуқӣ иттифоқи касабаи кормандони маориф такя ба суханҳои боло дар партави сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат дар ҳамкории судманд бо шарикии иҷтимоии худ – раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо барои соли 2024 фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастурҳои Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии соҳавӣ, қарорҳои Анҷуман, Пленум ва раёсати Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, диққати асосиро барои амалӣ намудани самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, татбиқи талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, “Дар бораи иттифоқҳои касаба” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳурӣ, инчунин, Оинномаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми ҷумҳурт ва вилоят ба роҳ монда, барои баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии кормандон саҳми босазо мегузоранд.

Аз ин рӯ, маврид ба қайд аст, ки дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккулу инкишоф ва рушду таҳкими маърифати ҳуқуқии аҳли коллективӣ Иттифоқҳои касабаи кормандони маориф ва илми вилоят, ки ҳамчун як оила ҳастанд, нақши калидӣ доранд. Зимнан, бояд гуфт, ки ҳар як чорабиние, ки дар доираи иттифоқҳои касабаи шаҳру ноҳияҳо баргузор мегардад, барои баланд бардоштани сатҳи тафаккури ҳар як корманд ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии онҳо мебошад.

Соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидан ба дурнамои неки таҳкими низоми демократӣ, ҷомеаи адолатпарвару ҳуқуқмеҳвар ва қонунсолор мусоидат менамояд. Воқеан, ҷомеае, ки ба инсонҳои бомаърифат ва тарбиятдида такя мекунад, аз шикасти ирода ва таназзул эмин буда, ба пирӯзии сартосарӣ ноил мегардад. Шуурнокии ҳуқуқии шаҳрвандон аз бисёр ҷиҳат муайянкунандаи дараҷаи рушди давлат ва таъмингари эътибори он дар миқёси ҷаҳони муосир аст.

Месазад, ки дар партави иқдомҳои дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо, ҳайати иттифоқҳои касабаи кормандони маориф, дар доираи эълони соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» баҳри боло бурдани сатҳи маърифати ҳуқуқии кормандон даст ба кор бошем ва сифати баланди баргузории чорабиниҳои нақшавиро дар ин самт татбиқ намоем.

**Мӯсобек САМИЗОДА,**
**раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Суғд**

## БА ОЗМУН

Агар ба вазъи феълии таълиму тарбия дар таълимгоҳҳои кишвар назар кунем, таҳлилу мушоҳидаҳо аз он мегӯянд, ки бо вуҷуди дастоварду комёбиҳои зиёд дар самти тарбияи хонандагони болаёқат, то ҷое беҳтар намудани сатҳу сифати таълиму тарбия ва донишазхудкунии хонандагон, ҳанӯз камбудию норасоиҳо дар масъалаи омода намудани шогирдони донишманду дорои тафаккуру ҷаҳонбинии пешрафта, забондон, соҳиби донишҳои баланди инноватсионӣ ва созгор ба замони муосир зиёд ба чашм мерасанд. Сабаби ин ҳол чист? Тавре ишора гардид, дар муассисаи таълимӣ директор симои асосию меҳварӣ ҳисоб ёфта, тамоми раванди корҳо, бахусус, назорати дохилимактабӣ аз қобилияту ҳунари волои роҳбарии ӯ вобастагии амиқ дорад. Борҳо хотиррасон ва таъкид шудааст, ки сарвари мактаб на танҳо мактабшиносу педагог, ташкилотчӣ, кордон, соҳибилҳом, соҳибтафаккур, балки инсони фурӯтану хоксор, ҳамрозу ҳамнафаси ҳайати омӯзгорон, пурҳондаву мутахассиси соҳаи молиявӣ (менеҷер), ҳоҷагидор, ба як сухан, ҳамвора ҷӯёву кӯшо буда, мактабро бояд хонаи дуюми худ ҳисобад. Хушбахтона, чунин сарварони дилсӯзу некандеш, ки муттасил бахри пешрафту рушди соҳаи маориф кӯшишу ҷаҳд менамоянд, дар шаҳру навоҳии кишвар кам нестанд, ки боиси ифтихори мо мебошанд. Дар зимн, баъзан сару садоҳоро дар хусуси ҳоҷиш ёфтани сатҳи таълиму саводнокии хонандагон, пастравии тарбия дар байни мактабиён, беэътибор гардидани нуфузу обрӯи омӯзгорон ба сабаби муносибати яктарафаи володон нисбат ба онҳо мешунавему худ мушоҳида мекунем, беихтиёр ангушти ҳайрат ба даҳон мебарем. Мутаассифона, чунин аҳвол дар таълимгоҳҳои ҷумҳурӣ ҷой доранд, ки пинҳон доштани ин омилҳои манфӣ бар зиёни кор буда, барои минбаъд боиси реша давондану ба гиёҳи ҳарза табдил ёфтани чунин бетафовутиҳо замина хоҳад гузошт. Нахуст, як мушоҳидаи хешро дар хусуси таъйини директорон дар муассисаҳои таълимӣ баён медорам. Маълум аст, ки ба вазифаи директор шахси лаёқатнок, пуртаҷриба, педагог, мактабшинос ва дорои фаҳмишу ҷаҳонбинии васеъ аз ҷониби сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маориф таъйин карда мешавад. Аммо, ба андешаи мо, таъйини директор бо дарназардошти неруи кадрии ину он таълимгоҳ бояд аз худи ҳайати омӯзгорони ҳамон мактаб бо тавсия ва ё пешниҳоди иттифоқҳои касабаи кормандони муассиса анҷом дода шавад. Тайи чанд соли охир бо баҳонаи ратификатсия ба вазифаи директор аз дигар муассисаҳои таълимӣ дар ину он таълимгоҳ таъйин карда мешавад, ки чандон натиҷаи нек ба бор оварда наметавонад. Ҳол он ки ҳангоми ба дигар вазифа баргузидани директори қаблӣ ё ба нафақа баромадани ӯ сарвари навро метавон (ва ин ҳеҷ ҷойи мушкилию аз кавле, аз "осмон ситора овардан" надорад) аз шумули омӯзгорони соҳибтаҷрибаю кордони ҳамон

*Дар хусуси масоили назорати дохилимактабӣ, ки ҷанбаи асосию меҳварӣ ва калидии баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия, беҳтар гардидани дараҷаи азхудкунии дарсҳо аз ҷониби хонандагон, дарёфт ва тарбия намудани хонандагони соҳиблаёқату кӯшо ва хушзеҳн ва ғайра, ки на танҳо ба пешрафту рушди як таълимгоҳ, балки соҳаи маориф дар ноҳияву шаҳр ва миқёси ҷумҳурӣ мусоидат мекунад, андешаву назарҳои зиёд баён гардидаанд. Ҳадафи ин афкор боз ҳам беҳтар намудани сатҳи таълиму тарбия ва татбиқи равандҳои навин ва ислоҳот дар соҳаи маориф ба шумор меравад. Мусаллам аст, ки назорат аз рӯйи ин ҳама омилҳои зикршуда ба зиммаи роҳбарияти муассисаи таълимӣ – директор, муовинони ӯ ва омӯзгорони фаннию роҳбарони синф вогузошта шудааст, ки масъулияту ӯҳдадориҳои онҳо дар Дастурамали вазифавии директор, муовинони директор ва роҳбари синфи муассисаи таҳсилоти умумӣ инъикос гардидааст.*

# НАЗОРАТИ ДОХИЛИМАКТАБӢ ВА МАҲОРАТИ САРВАРӢ

таълимгоҳ таъйин намуд. Як сабаби ба ҳайати омӯзгорону устодони ину он таълимгоҳ писанду макбул наомадани кору фаъолияти роҳбарии директорони алоҳида маҳз дар ҳамин омил нуҳуфтааст. Директори муассиса бар ивази он ки ҳар лаҳзаю дақиқа дар байни омӯзгорон бошад, баръакс, тавре мешунавему ба мушоҳида мегирем, аз субҳ то бегоҳ аз дафтари корияш берун набаромада, тавассути котибааш амру фармонҳоро ба омӯзгорон мерасонад. Дар вазифаи сарвари мактаб, бо дасту дили пок ҳар фарди ватандӯст кор карда, пешрафту комёбиҳо дар муассиса аз мувофиқату санъати такаллуму гуфтори ӯ бармеояд. Ҳатто бархе аз директорони мактабҳо бо омӯзгорон бо оҳанги лаҳни тунду хашин муносибат мекунанд, ки ин ҳол ба ҳеҷ ваҷҳ қобили қабул набуда, хилофи дастурамали дар боло зикргардида ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" мебошад. Дар моддаи 52-и қонуни мазкур омадааст:

1. Шаъну шарафи омӯзгор таҳти муҳофизати давлат қарор дорад. Ва дар боби 8-и ҳамин модда котеъона зикр гардидааст: "Омӯзгор ҳуқуқ дорад дар хусуси баҳогузории нодуруст ба фаъолияташ ба мақомоти дахлдори давлатӣ ва ё суд муроҷиат кунад ва ҷуброни зарари моддӣ ва маънавии ба ӯ расонидашударо талаб намояд".

Аз ин нуқтаи назар, сарвари муассисаи таълимӣ бояд бо ҳайати омӯзгорон муомилаву муносибати нек дошта, набояд аз нишондоди дастурамали вазифавии директор берун бароёд. Зимнан, бояд таъкид кард, ки директор дар кулли масоили матраҳшавандаи мактаб, ки ба таълиму тарбия иртиботи амиқ дорад, андешаву пешниҳодҳои коллективро ба назар гирад.

"Харочоти маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷавиро ба накша гирифта, дар мувофиқаю ҳамкорӣ бо Шурои ҷамъиятӣ, Шурои сарпарастон, кумитаи падару модарон, Шурои педагогӣ онро самаранок истифода мебаранд." Ишора кардем, ки директорон новобаста аз вазифаҳои хизматии давлатӣ дар ҳаҷми 12 соат аз рӯйи ихтисос дар



муассисаи таълимӣ дарс мегӯянд. Вале боз ҳам наметавон аз ин омили манфӣ чашм пӯшид, ки бахши аъзами директорон бо баҳонаи чаласаю ҷамъомадҳо, иштирок дар машварату ҳамоишҳо сари вақт ба дар сатҳи посухгӯ ба талаби замон машғулиятҳояшонро ба роҳ намемонанд, ё ин дарсҳоро ба омӯзгорони дигари таълимгоҳ ҳавола мекунанд, ки ҳароина, ин муносибат иштибоҳи маҳз ва авфнопазир аст. Дар чунин як ҳол ба директор ва на муовини ӯ оид ба корҳои таълим ба дарсҳои муаллимони фаннӣ тибқи нишондод иштирок кардаву хулосаи даркорӣ баровара наметавонанд. Дар дастурамал возеҳу равшан ифода гардидааст, ки директори мактаб дар давоми соли хониш ба 70 соат ва муовини ӯ оид ба таълим ба 170 соат дарсҳои омӯзгорон иштирок намуда, натиҷаи дарсҳоро ба самъи омӯзгорон бояд расонад. Худсарона рафтору амал кардан, ҳуқуқи омӯзгорро поймол намудан, ҳукми яктарафа бароварданро ба директори мактаб касе иҷозат надодааст. Мутаассифона, ин ҳақиқати талхро низ аз забони иддае аз омӯзгорон шунидем, ки ба сабаби нарасидани мутахассисон, дарсҳои холӣ (бе омӯзгорро)-ро ҳамчун ивазкунанда (замена) ба омӯзгорони алоҳида вогузор намуда, пардохти маблағи ин машғулиятҳоро ё ба таъхир мегузоранд, ё бе ҳоҷиш он муаллим ба мақсадҳои дигар сарф мекунанд, ки

хилофи тамоми қавоиду қавонин мебошад. Директори муассисаи таълимӣ дар ҳама гуна ҳолат бояд омӯзгорро ҳифз ҳимоят ва аз ҳуқуқҳои ӯ дифоъ намояд. Аммо вақтҳои охир баъзан мешунавем, ки намояндагони мақомоти гуногун, новобаста аз талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", бе иҷозати омӯзгор бе ҳеҷ истиҳолаву ибо ба дарсҳои онҳо медароянд, дафтарҳои корӣ, конспект ва журналҳои синфиро месанҷанд ва хулосаву ҳукм мебароранд. Сарвари окилу дурандеш ва огоҳ бояд ба ин санҷишгарон ба таври мукаммал талаботи моддаи 52-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф"-ро тавзеҳу ташреҳ бубахшад, ки он аз 8 боб иборат аст. Аз ҷумла, дар моддаи 6 омадааст:

"Фаъолияти касбии омӯзгор танҳо дар доираи касбӣ, аз ҷониби шахсон ва мақомоти дахлдори давлатии соҳаи маориф баррасӣ карда мешавад. Ҳангоми ҷой доштани камбудиҳо дар фаъолияти касбии омӯзгор шахсияти ӯ набояд таҳқир карда шавад ва ба фаъолияти ӯ вокеъбинона ва беғаразона бояд баҳо дода шавад". Афсӯс ки талабот аксар ҳангом аз ҷониби мақомоти гуногун (хусусан, интизомӣ) сарфи назар карда мешавад, ки боиси ранҷишу озори омӯзгорон ва дилсард шудани онҳо аз пешаи муаллимӣ мегардад.

Бахри татбиқи сиёсати Ҳукумат ва Давлат дар соҳаи маориф, ислоҳоту дигаргуниҳо вобаста ба соҳтору муҳтавои таълиму тарбия ба директори муассисаи таълимӣ муовини ӯ оид ба корҳои таълим кумак мерасонад. Бояд қайд кард, ки вазифаҳои асосию умдаи муовини директор оид ба корҳои таълим дар боби 3.5-и дастурамали зикршуда муайяну мушаххас гардидааст:

"Муовини директор оид ба таълим ба кори омӯзгорони фаннӣ, омӯзгорони таълими иловагӣ, гурӯҳҳои машғулиятҳо бардавом, Шурои методӣ ва роҳбарони иттиҳодияҳои методии фаннӣ бевосита роҳбарӣ менамояд."

Аз талаботи ин модда бармеояд, ки ҷавҳари асосии раванди таълиму тарбия, баланд бардоштани сатҳи донишазхудкунии хонандагон ва сифати таҳсилот маҳз ба рисолати муовини директор оид ба корҳои таълим бастагӣ дошта, дар ин масир вай бояд аз тамоми имконоту шароит истифода намояд, то муваффақияту дастовардҳо дар муассисаи таълимӣ афзун гарданд. Вале дар ин бобат низ ба муҷиби норасоии мутахассисони варзида аксаран ин масъулият ба дӯши омӯзгорони нафақахӯр ва ҷавонони камтаҷриба вогузор карда шудааст.

Маълум аст, ки тайи солҳои соҳибистиқлолӣ устодону омӯзгорони соҳибтаҷриба бо маҳорату қобилияти баланди касбӣ дар рушду пешрафти соҳаи маориф саҳми босазо гузоштанду мегузоранд. Таҷрибаи ин омӯзгорон дар сатҳи шаҳру ноҳия ва ҷумҳурӣ аз ҷониби масъулини раёсату шуъбаҳои маориф барои омӯзишу тарғиби васеъ пешниҳод мегардад. Вале тарғибу таҷрибаи пешқадами устодону омӯзгорони соҳибмактаби варзида на дар ҳама ҷо ва на ба гунаи густарда ба роҳ монда мешавад. Ҳатто шоҳидем, ки пас аз ташкилу баргузор намудани озмуни "Омӯзгори сол" ғолибони он оҳиста-оҳиста фаромӯш мешаванд. Бемасъулиятӣ ва бепарвоии кормандони раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру навоҳӣ ва маъмурияти муассисаҳои таълимӣ ба он сабаб мешавад, ки натанҳо таҷрибаи омӯзгорони муваффақ тарғиб карда намешавад, балки кадрдонию ҳавасмандгардонии онҳо дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда намешавад, ки мояи афсӯсу нигаронист. Тарғибу муаррифии таҷрибаи пешқадам аз таълимгоҳ шуруъ мегардад.

Дар беҳтар пурсамар гардидани вазъи таълиму тарбия, сатҳи донишазхудкунии хонандагон нақшу ҷойгоҳи Иттифоқи касабаи муассисаи таълимӣ хеле бузург мебошад. Иттифоқи касаба назоратро аз болои интизоми меҳнат дар ҳар як таълимгоҳ пурзӯр намуда, ҳуқуқҳои омӯзгоронро ҳимоят мекунад. Ба ахлоқу маънавияти аъзои иттифоқи касаба, муносибати байниҳамдигарии ҳайати педагогӣ, робита бо волидон таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир намуда, ба он роҳ намедиҳад, ки ноҷӯрию низоъҳо дар раванди кор байни роҳбарияти муассисаи таълимӣ ва омӯзгорон ба амал оянд.

Ҳароина, дар ин самт сатҳи маърифати ҳуқуқии омӯзгорону устодон бояд баланд бошад. Бо имтиёзоти муқараргардида таъмин гардидани омӯзгорон, ки бо карори вижаи Ҳукумати ҷумҳурӣ тасдиқ гардидааст, аз дигар вазифаҳои иттифоқи касабаи муассисаҳои таълимӣ махсуб мёебад. Ва боварӣ аст, ки бо эълон гардидани Соли маърифати ҳуқуқӣ ва роҳандозии корҳои фаҳмондадиҳию ҳамоишҳои судманд мо ба дастовардҳои назаррас дар ин самт ниол мегардем.

Дар умум, рушди шуури ҳуқуқӣ, тафаккур, фарҳанги ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ аслан ба мактаб ва фаъолияти густурдаи омӯзгорон иртиботи амиқ дорад.

**Шодӣ РАҶАБЗОД,**
**раиси ташкилоти ибтидоии иттифоқи касабаи кормандони нашрияи "Омӯзгор"**

## ФАЪОЛИЯТИ ИТТИФОҚИ КАСАБАИ КОРМАНДОНИ МАОРИФИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ ДАР НУҲМОҲАИ СОЛИ 2024

8 октябри соли 2024 таҳти раёсати раиси Иттифоқи касабаи кормандони маорифи шаҳри Душанбе Н.Ҷӯраева дар Маркази таҳлилӣ-иттилоотии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе бо иштироки аъзои раёсат, раисони ташкилотҳои худудӣ ва ибтидоӣ ҷаласаи весеи раёсати Иттифоқи касабаи кормандони маорифи шаҳри Душанбе баргузор гардид.

Нахуст, раиси Иттифоқи касабаи кормандони маорифи шаҳри Душанбе Н. Ҷӯраева иштирокдоронро бахшида ба Рӯзи иттифоқҳои касаба табрику муборакбод намуда, сипас тибқи рӯзнома оид ба фаъолияти Иттифоқи касабаи кормандони маорифи шаҳри Душанбе дар нуҳмоҳаи соли 2024 ҳисобот дод.

Мавсуф қайд намуд, ки



Иттифоқи касабаи кормандони маорифи шаҳри Душанбе дар давраи ҳисоботӣ фаъолияти худро дар асоси талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва нақшаи кории Иттифоқи касаба ба роҳ монда, назоратро бахри амалӣ гардонидани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои дастуру супоришҳои Иттифоқи касабаи мақомоти болоӣ равона намуд.

Таъкид гардид, ки дар нуҳмоҳаи соли 2024 шумораи ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касаба ба 275 адад расида, шумораи аъзоёни иттифоқи касаба 18 748 нафарро ташкил медиҳад.

Инчунин, дар идома оид ба баргузории ҷаласаи пленум ва раёсатҳои кумита, чорабиниҳои маданӣ – тарбиявӣ, ҳавасмандгардонии фаъолони иттифоқи касаба, ташкил ва баргузории курс ва семинарҳои машваратию омӯзишӣ, риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба меҳнат, низоми коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ дар ташкилотҳои иттифоқи касаба, натиҷагирӣ аз ташкилу баргузории истироҳати тобистонаи кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе, солимгардонии кормандони соҳа, баргузории конференсияи августии кормандони соҳа, татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.03.2024, №192 "Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ба самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2024-2025, вазъи ҳозиршавии мутахассисони ҷавон ба муассисаҳои таълимӣ, раванди тақсимоти сарбории омӯзгорон дар муассисаҳои таълимӣ маълумоти муфассал дод.

Дар идомаи кори ҷаласа як қатор омӯзгорон бо «Ифтихорнома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, ғолибони озмунҳои мақолаи беҳтарин бахшида ба Рӯзи оила, Рӯзи Ваҳдати миллӣ ва Рӯзи омӯзгор бо ҷоиза, диплом ва туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд.

# ДОНИСТАНИ ҲУҚУҚ БУРДИ КОМЁБИҲОСТ

Яке аз хислатҳои муҳим ва шоистаи ҳар як шахс маърифат доштан, яъне, маърифатмандист. Инсони бомаърифат ҳамеша фаъол ва комёб аст, қатъию далерона ва бидуни дудилагӣ амал менамояд. Ба ин маънӣ, маърифат роҳнамою чорагари одамон ва омили аз ғалату каҷравиҳо эмин мондани онҳо махсуб мешавад. Маҳз бомаърифатӣ ва дорои сатҳи олии маърифат будан боиси комёбу шуҳратёр гаштану ба зинаҳои баланд расидани як зумра шахсиятҳои барҷаста дар арсаи таърих гардидааст. Шоири тавоно Анварии Абевардӣ гуфтааст:

**Дидани ҷони Буалӣ Сино.**
**Буда аз нури маърифат бино.**

Лисонулғайб Ҳофизи Шерозӣ маърифатмандиро хусусияти асосию барҷаста ва гарави ҳамзисти муваффақона донистa, аз зистан дар муҳити пастии маърифат ва беэътиноӣ ба он даст кашидааст ва мавзееро орзу кардааст, ки маърифатабад бошад.

Дар забон вобаста ба маърифат якчанд ибора маъмул аст, аз қабили маърифати техникӣ, маърифати фарҳангӣ, маърифати роҳбарӣ, маърифати ташхисгарӣ, маърифати тиббӣ, маърифати варзишӣ... Яке аз ибораҳои машҳур дар ин қатор, ки имрӯз сари забонхост, маърифати ҳуқуқӣ мебошад. Барои зиндагии осоиштаю бобарори одамон маърифати ҳуқуқӣ нақши бориз дорад. Тақозои асосии ин гуна маърифати аниқу дақиқ донистани конунхост. Зери ифодаи маърифати ҳуқуқӣ маҷмуи донишҳои ҳуқуқӣ, донистани қонунҳо, асноди расмӣ ва риояи талаботи қонунҳо фаҳмида мешавад. Паҳлуи дигари маърифати ҳуқуқӣ аз ҳуқуқҳои конститу-



тсионӣ ва шаҳрвандии худ огоҳ будан, ҳуқуқҳои худро донистану ҳифз кардан ва ҳуқуқҳои дигаронро поймол нанамудан мебошанд. Мо дар давлате зиндагӣ мекунем, ки дар он волоияти қонун дар дараҷаи аввал аст. Дар нахустмоддаи Конститутсияи Тоҷикистон омадааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад». Моддаи 42-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 1-ро боз ҳам такмил мебахшад: «Дар Тоҷикистон ҳар шахс вазифадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд. Надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад». Ин таъйинот шаҳрвандонро вомедорад, ки қонунҳоро ҷиддан биомӯзанд ва доманду риоя бикунанд. Ҷои баҳс нест, ки эъмори давлати ҳуқуқбунёд- ҳадафи волои Давлату Ҳукумати Тоҷикистон маърифати комили ҳуқуқиро талаб мекунад. Бе маърифати ҳуқуқӣ арзишҳои муҳимми ҷомеа, ба монанди волоияти қонун, ҳифзи манфиатҳои қонунии одамон, афзалияти ҳуқуқу озодӣ таъмин ва риояи намешаванд. Бо дарназардошти ин ҳама, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олӣ (28.12.2023) соли 2024-ро дар қаламрави кишвар «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карданд. Ин тадбири оқилона қадами хеле ҷиддӣ дар роҳи бунёди ҷомеаи мутамаддин, волоияти қонун ва бунёди давлати пешраву муваффақ мебошад. Ҷунонки маълум аст, ҳамаи зеркӯнунҳо аз Конститутсия сарчашма мегиранд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 1994 дар заминаи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст, хизматҳои пурарзише дар самти устувории истиқлоли давлатӣ, ҳифзи манфиатҳои аҳли ҷомеа ва тадвини қонунҳои дигар иҷро кардааст. Имрӯз дар ҷумҳури иом вазъи ҳуқуқӣ танзим мешавад ва ин ҳолат рушди бомароми соҳаҳои гуногунро таъмин намуда, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро равнақ мебахшад.

Эълони Соли маърифати ҳуқуқӣ дар кишварамон, пеш аз ҳама, таъкид ва даъват бар он аст, ки ҳар яки мо бояд ҳуқуқҳои худ, қонунҳои мамлакат ва албатта, Конститутсияи ҷумҳуриро амиқу дақиқ донем ва дар ин замина, осоиштагию бомаромӣ ва пурсамарии зиндагиамонро таъмин намоем. Омӯзиши ҳуқуқ бояд бардавом ва ҳамешагӣ бошад, яъне, мо бояд маърифати ҳуқуқии худро пайваста ва ҳамасола тақвият бубахшем.

**Дилноза САТТОРЗОДА,**
**раиси ташкилоти ибтидоии иттифоқи касабаи Маркази эҷодии кӯдакон ва наврасони шаҳри Роғун**

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ХУДРО БАЛАНД БАРДОРЕМ

Масъалаи ҳифзи истиқлолияти миллӣ, яъне, ҳимояи давлату давлатдории миллӣ ва таҳкими аркону пояҳои он, дар шароити пуртазоду печидаи солҳои охир, хусусан, рӯз аз рӯз мураккаб шудани вазъи геополитикии минтақа ва ҷаҳон, шиддат гирифтани рақобат ва бархӯрди манфиатҳои кишварҳои абарқудрат ва таҳти таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ осебпазир гардидани истиқлолияти давлатҳои миллӣ аҳамияти торафт ҷиддии ҳаётӣ пайдо мекунад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ соли 2024-ро “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон намуданд. Ҳадаф аз ин, дар сатҳи баланд таҷлил намудани 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад. Бояд тазаккур дод, ки имрӯз маърифати ҳуқуқии бархе аз шаҳрвандон дар дараҷаи начандон хуб қарор дорад, ки ин, албатта, монеи рушди ҷомеа мегардад. Пешрафти давлатҳои абарқудрат аз пешрафт ва маърифати баланди ҳуқуқии шаҳрвандони он далолат мекунад. Эълони шудани соли 2024 “Соли маърифати ҳуқуқӣ” дар баланд бардоштани мафкураи ҳуқуқии шаҳрвандон заминаи хубе мегузорад.

Олими Юнон Ситсерон гуфта буд, ки “агар хоҳӣ озод бошӣ, пас ғуломи қонун бош”. Ин гуфтаҳо маънои онро дорад, ки мо бояд эҳтироми санаду меъёрҳои ҳуқуқиро дар мадди аввал гузорем. Вакте сухан дар бораи як инсони комил, худшинос ва ватандӯст меравад, бояд маърифати ҳуқуқии баланд дошта бошад, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи давлати худро ба пуррагӣ донад ва ҳар тағйиру иловаҳое, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал меояд, ба пуррагӣ аз худ кунад. Ҳар инсоне, ки дар доираи қонун амал мекунад, ба хатой роҳ намедиҳад. Тибки қонунгузорӣ надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад. Шаҳрвандони кишвар, алалхусус, ҷавонону наврасон, ки неруи асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ махсуб меёбанд, бояд аз маърифати ҳуқуқӣ бархӯрдор бошанд ва зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд. Бояд ҳамагон бахри бехатарӣ ва амнияти кишвар саҳми арзандаи худро гузорем, он гоҳ ҳеҷ гуна гурӯҳҳои тундрав наметавонанд ҷавононии моро гумроҳ кунанд.

Мусаллам аст, ки ҳар гуна қонуншиканӣ ва содир кардани ҷиноят дар ҷомеаи мо аз паст будани сатҳи донишҳои ҳуқуқӣ ва надонистани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шаҳрвандон сарчашма мегирад. Барои ривоҷ ёфтани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мо бояд дар тамоми муассисаҳои таълимии шаҳр корҳои фаҳмондадиҳӣ ва чорабиниҳои ҳуқуқиро бо иштироки шахсиятҳои маъруф ва ҳуқуқшиносони варзида роҳандозӣ намоем. Танҳо бо ин роҳ мо метавонем, сатҳи донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандонро боз ҳам баландтар бардорем.

**Аслия САФАРЗОДА,**
**раиси Иттифоқи касабаи кормандони маорифи шаҳри Норак**

# ТАҶЛИЛИ РӮЗИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБА ДАР НОҲИЯИ ВАХШ



Дар толори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №56-и ноҳияи Вахш бо иштироки И.Шарипов-намояндаи Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Хатлон, Г.Маҳмадализода-муовини раиси ноҳия, А.Негматзода-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маорифи ноҳия, С.Ватанзода-раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳия, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, раисони ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касабаи кормандони маорифи ноҳия ба муносибати Рӯзи иттифоқҳои касаба чорабинии тантанавӣ доир гардид.

Чорабиниро А. Негматзода ифтитоҳ намуда, сипас И.Шарипов доир ба таваҷҷуҳу дастгириҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти таҳкими фаъолияти иттифоқҳои касаба ва дигар тадбирҳои муҳимми ҷашнии Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Хатлон суханронӣ намуд. Ҳамзамон, дигар иштирокдорон кормандон ва фаъолони иттифоқи касабаи кормандони маорифи шаҳру ноҳияҳоро бо Рӯзи иттифоқҳои касаба табрику муборакбодӣ намуданд.

Дар интиҳои чорабинӣ як қатор раисони ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба, омӯзгорон ва кормандони соҳаи маорифи ноҳия бо мукофотҳои соҳавӣ ва тухфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ шуданд.

Ҳамзамон, чорабинии мазкур аз қисмати фарҳангӣ низ иборат буд, ки дар он омӯзгорон ва хонандагони фаъол ҳунарнамоӣ намуданд.

# ХОРУҒ: ТАҶЛИЛИ РӮЗИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБА ВА РӮЗИ ОМӮЗГОРОН



Дар толори мактаби Президентии шаҳри Хоруғ чорабинии тантанавӣ бахшида ба Рӯзи иттифоқҳои касаба ва Рӯзи омӯзгорон баргузор гардид, ки дар он раиси шаҳри Хоруғ Назарзода Ризо Шодӣ ва тамоми устодону омӯзгорони шаҳри Хоруғ иштирок намуданд.

Қабл аз оғози чорабинӣ меҳмонон аз дастовардҳои соҳаи маорифи шаҳр дидан карданд.

Баъди садо додани Суруди миллӣ раиси шаҳри Хоруғ иштирокдорони чорабиниро бо Рӯзи омӯзгорон ва Рӯзи иттифоқҳои касаба табрику таҳният намуда, зикр кард, ки гиромӣ доштани эътибори омӯзгор ва арҷ гузоштан ба заҳмати хастанопазири муаллимони азиз, ки бешубҳа ин касб яке аз касбҳои муҳиму меҳварии ташаккул, мавҷудият ва рушду тараққиёти ҷамъияту давлат ба шумор меравад, дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ҳукми анъана даромадааст.

Миллати бостонии тоҷик, ки поягузори яке аз тамаддунҳои қадимаи бузург мебошад, дар заминаи эҳтиром гузоштан ба муаллим ва дониш, соҳиби ғановати бешумули фарҳангию илмӣ гашта, дар ташаккул ва равнақи ҷамъияти умумиинсонӣ саҳми сазовор дорад. Ин боигарии бебаҳои мо муаррифгари симои миллат дар таърихи ҳазорсолаҳо буда, омили бунёдии мавҷудияти миллат ба шумор меравад. Гуфта шуд, ки 33 соли соҳибистиқлолӣ дурустии сиёсати давлат ва Роҳбари маърифатдӯсти моро исбот намуд ва имрӯз мо аз баракати ин сиёсати оқилона, аз ҷумла, дар самти маорифу илм баҳраи нек мебардорем, ки нақшу саҳми омӯзгорони арҷманд ва кормандони соҳаи маориф дар ин ҷода беназир мебошад.

Дар идома, баъзе раисони ташкилотҳои ибтидоӣ ва як зумра омӯзгорон, собиқадорон, кормандони соҳаи маориф бо “Ифтихорнома”-и раиси шаҳр ва тухфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд.

Дар охир чорабинии фарҳангӣ пешниҳоди ҳозирин гардид.



# “ИТТИФОҚОИ КАСАБА – ҲОМИИ КОРМАНДОН”

Дар маҷлисгоҳи Маркази таълимии Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон 18 октябри соли равон ба муносибати Рӯзи иттифоқҳои касаба таҳти унвони “Иттифоқои касаба – ҳомии кормандон” конференсияи илмӣ-амалӣ баргузор гардид. Дар ин конференсия Шарофиддин Асомиддинзода–сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шарифулло Абдуллозода–раиси Шурои иттифоқҳои касабаи вилояти Суғд, Абдуҳаким Шарипов–муовини раиси Шурои ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон дар вилояти Суғд, Абдураҳим Курбониён–муовини сардори раёсати маорифи вилояти Суғд, Юсуфҷон Ҷумъабоев–собиқадори Иттифоқи касабаи вилояти Суғд ва Мӯсобек Самизода–раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Суғд иштирок ва баромад намуданд.

М. Самизода конференсияро ифтитоҳ намуда, қайд кард, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи рӯзҳои ид” тағйиру иловаҳо ворид гардида, ҳамасола дар кишварамон 24 октябр Рӯзи иттифоқҳои касаба таҷлил карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки ба барои хизматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф, саҳми арзанда дар тарбияи насли наврас, тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ва таҳкими ҳаракати иттифоқҳои касаба ба муносибати Рӯзи иттифоқҳои касаб фаъолон, омӯзгорону кормандони соҳаи маориф бо “Ифтихорнома” ва “Сипоснома”-и Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шурои иттифоқҳои касабаи вилояти Суғд, Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Суғд ва тухфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ карда шуданд.

Барномаи фарҳангӣ анҷомбахши чорабинӣ гардид.



# АҲАМИЯТИ АВВАЛИНДАРАҶА БА ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

Давоми солҳои соҳибистиқлолӣ раванди ислоҳоти ҳуқуқӣ тамоми паҳлуҳои зиндагии ҷомеаро фаро гирифт ва роҳҳову самтҳои инкишофро муайян намуд. Нуқтаи асоситарини тадбиқи ин ислоҳот қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1994 мебошад, ки таҷассумгари бақои давлату миллат мебошад. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон вазифаи муҳимтарини давлате махсуб меёбад, ки роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро интихоб намудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Конститутсия давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ эълон гардида, ҳуқуқ ва озодиҳои инсону шаҳрванд арзиши олӣ эътироф ва муқаррар шудааст. Ҷавҳари ҷомеаи шаҳрвандӣ дар асоси риояи ҳуқуқи инсон ва волоияти қонун устувор мегардад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28.12.2023 қайд намуданд, ки: «Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем. Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳимми таърихӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад».

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, №668 ба тасвиб расид. Мақсад аз қабули фармони мазкур баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона бо он, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун, ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузир будани масъулияти ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ, ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад.

Эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» тадбири муҳимму саривақтӣ барои бунёди ҷомеаи мутамаддин, сохтани шахси комил ва эъмори давлати ободу муосири миллӣ мебошад. Тавре ки маълум аст, тамоми механизми қонунгузории мамлакат аз Конститутсия сарчашма мегирад. Конститутсияе, ки соли 2024 сиюмин солгарди қабули он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мегардад. Ҳамон Конститутсияе, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми мамлакатро фароҳам овардааст ва яке аз дастовардҳои муҳимтарини тоҷикон мебошад...

Маърифати ҳуқуқӣ маҷмуи андешаҳои одамон дар бораи қонун, татбиқи он ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мебошад, ки дар шакли дониш, эътиқод, меъёрҳо ва муносибатҳои аз ҷониби ҷомеа қабулшуда ташаккул ёфтааст. Инчунин, маърифати ҳуқуқиро метавон ба маънои маҳдуд ва васеъ баррасӣ кард:

- ба маънои маҳдуд, маърифати ҳуқуқӣ низоми муносибатҳоест, ки байни одамон ва ташкилотҳои гуногун дар натиҷаи ҳамкории дарозмуддати онҳо ташаккул ёфтааст. Табиист, ки ин гуна муносибатҳо бо қонун танзим ва аз тарафи давлат ҳифз карда мешаванд;

- ба маънои васеъ, ин мафҳум тамоми анбори донишҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки инсоният пештар ҷамъ кардааст ва аз тарафи одамон дар ҳаёти ҳаррӯза, дар муносибат бо ҳамдигар, дар меҳнат ва дигар соҳаҳо татбиқ карда мешавад.

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълими ҳуқуқӣ ҳалли вазифаҳои зеринро пешбинӣ менамояд: тарбияи кадрҳои ҳуқуқшиноси касбии баландихтисос, ки барои фаъолияти ҳуқуқӣ дар шароити вусъати равобити байналмилалӣ омода мебошанд, такмили сиёсати таҳсилот дар соҳаи тарбияи кадрҳои ҳуқуқшинос, баланд намудани сатҳи донишомӯзии ҳуқуқи байналмилалӣ бо дар назар доштани дурнамои ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ дар судҳои байналмилалӣ, такмили тахассус пас аз гирифтани таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ, омода намудани кадрҳои дорои донишҳои махсуси иттилоотӣ дар шароити васеъ шудани иттилои ҳуқуқӣ, таҳдидҳо ба амнияти иттилоотии ҷумҳурӣ, тарбияи кадрҳои нави ҳуқуқшиносон, ки барои кор дар шароити роҳандозии ҳукумати электронӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар амалияи ҳуқуқшиносӣ омодаанд, мустаҳкам намудани унсурҳои иттилоотӣ ва технологии сиёсати таҳсилот бо дар назар доштани ворид шудани технологияҳои иттилоотӣ дар амалияи ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла, ҷорӣ намудани махзани иттилооти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, иттилоъгардонии фаъолияти судӣ, тафтишотӣ, мурофиавӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, иттилои ҳуқуқӣ дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ.

Сатҳи баланди маърифати ҳуқуқии шаҳрванд, ки бевосита аз сифат ва дастрасии иттилооти ҳуқуқӣ вобаста мебошад, метавонад ба боло рафтани эҳтиром нисбат ба қонун ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи асосӣ ва калидии батанзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ, паст шудани сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ, инчунин, дар ботини шахс ба вуҷуд овардани эътиқод ба рафтори ҳуқуқӣ, ташаккули масъулият оид ба итоат кардан ба муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат намояд ва шаҳрванд худро дар ҷомеа комилан озод ва бехатар эҳсос намояд.

Хотирнишон бояд кард, эъмори давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ маърифати баланди ҳуқуқиро тақозо менамояд. Бидуни он арзишҳои бунёдӣ ва принсипҳои ҷомеа, аз қабили волоияти қонун, афзалияти ҳуқуқу озодӣ, ҳифзи манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд наметавонанд комилан амалӣ шаванд. Элон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» барои аз худ намудани донишҳои ҳуқуқӣ, эҳтирому риояи Конститутсия ва дигар қонунгузории амалкунандаи мамлакат аз ҷониби шаҳрвандон ва дар раванди эъмори давлати ҳуқуқбунёд саҳм гузоштани онҳо натиҷаҳои назаррасро ба бор хоҳад овард. Рушди давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ба сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ вобастагии зиёд дошта, барои ташаккули маърифати ҳуқуқӣ бояд аҳамияти аввалиндараҷа дод. Барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар доираи иқдоми соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» зарур аст, ки аз ҷониби намояндагони муассиса ва идораҳои дахлдори давлатӣ бо иштироки доираи васеи табақаҳои мухталифи ҷомеа чорабиниҳои ташвиқотию тарғиботӣ бештар ба роҳ монда шавад. Зеро баланд гардидани маърифати ҳуқуқии аҳолии мамлакат барои пешгирии қонунвайронкуниҳо, таъмини волоияти қонун, риояи Конститутсия ва қонунгузории амалкунандаи мамлакат, инчунин, эътирофу эҳтиром, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамояд.

**А.АБДУЛАКИМЗОДА–**
**раиси Иттифоқи касабаи кормандони маорифи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров**

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОН- АСОСИ ТАҲКИМИ ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁД

*Таърихи даврони соҳибистиқлолӣ собит менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ масъалаи ташаккул ва баланд бардоштани фарҳангу маърифати ҳуқуқии шаҳрвандонро ҳадафи асосӣ ва вазифаи аввалиндараҷаи сиёсати ҳуқуқии худ қарор додааст.*

Тоҷикистон баъди соҳибистиқлол гардидан 6-уми ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ аввалин Конститутсияи соҳибистиқлоли худро қабул кард. Тибқи моддаи якуми он соҳибихтиёрии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки самтҳои асосии сиёсати дохилии худ - роҳу усулҳои тараққиётро дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва қонуният равона кардааст. Масалан, дар сохти иҷтимоӣ ғамхорӣ ба соҳаҳои муҳимми марбут ва фаъолияти оммаи васеи мардум дар мадди аввал меистад. Яъне, Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Демократӣ эътироф шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне, қабули қарору қонунҳо, ё ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳим дар амалӣ гардонидани ҳокимият иштирок намоянд. Ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд эътироф шудани Тоҷикистон маънои ба ҳуқуқ ва пеш аз ҳама, ба Конститутсия тобеъ будани фаъолияти мақомоти давлатиро дорад. Ба андешаи мо, дар шароити муосири давлатдорӣ яке аз вазифаҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд дар баробари масъулияти тарафайни давлат ба ҷомеаи шаҳрвандӣ, ин ҳифз, риоя ва ҳимояи боэътимоди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба шумор меравад. Вазифаи мазкур бошад, тавассути ҳокимияти олии қонунгузорӣ, иҷроия, судӣ ва фаъолияти дигар вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаи давлатӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар сатҳи Конститутсия ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд эътироф гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама маънои тобеъ будани фаъолият ва рафтори ҳама мақоматҳои давлатӣ, вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, новобаста аз шакли ташкиливу ҳуқуқиашон, ва шаҳрвандон ба ҳуқуқро дорад.

Барои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидаанд. Айни ҳол дар Тоҷикистон 17 қонуни конститутсионӣ, 21 кодекс, 320 қонунҳои дигар ва зиёда аз 17000 санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ амал мекунанд, ки барои танзими муносибатҳои соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ равона гардидаанд. Ҳамаи онҳо дар доираи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда, сарчашмаи ҳамаи қонунҳо Конститутсия мебошад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи дастовардҳои бузурги мардуми Тоҷикистон буда, заминаи ҳуқуқии бунёди давлати тозабунёд ва соҳибистиқлоли тоҷикон шакли ифодаи давлатдории миллӣ, осори таърихӣ ва фарҳанги миллӣ мебошад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шиносномаи он буда, тоҷикистониёнро дар дигар давлатҳои ҷаҳон муаррифӣ менамояд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати барномавие мебошад, ки дурнамои пешрафти давлати Тоҷикистонро муайян мекунад.

6-уми ноябри соли 2024 мардуми Тоҷикистон 30-юмин солгарди Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистонро қайд мекунанд. Ба ифтихори 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2024 дар мамлакат «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардид, ки мақсад аз он баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демографӣ, мустаҳкам намудани волоияти қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба қонун ва таъмин намудани волоияти он, ба роҳ мондани усули ҳамкории самараноки давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад.

Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон намудани соли 2024 барои расидан ба ҳадафҳои гуфташуда равона гардида, ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кулли аҳолӣ, қабули қонунҳои босифат ва танзимкунандаи муносибатҳои рушдёбандаи ҷамъиятӣ мусоидат менамояд.

Маърифати баланди ҳуқуқӣ – ин риояи бошууронаи меъёрҳои қонун ва итоат ба қонунро дар назар дорад. Бо эълон намудани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» мо бояд маърифати ҳуқуқии шаҳрвандонро баланд бардошта, нисбат ба қонун ва таъмин намудани волоияти он боз ҳам таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, ба ин васила, мо метавонем пеши роҳи каҷрафториҳо, аз ҷумла, шомилшавӣ ба гурӯҳҳои ифротиро бигирем.

**С.ТАҒОЕВ-**
**омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқи МТМУ № 5-и ноҳияи Варзоб**

# 33 СОЛИ ФАЪОЛИЯТИ БАВУСЪАТ

5-уми апрели соли 1926 Анчумани 1-уми иттифокҳои касабаи РАСС Тоҷикистон баргузор гардид, ки бо қарори он мақоми роҳбарикунандаи иттифоқҳои касаба – шурои иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Пас аз пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ соли 1991 фаъолияти ҳамаи иттиҳодияҳои соҳавии иттифоқҳои касаба, ки маркази ягонаи онро Шурои иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон (Тоҷиксовпроф) роҳбарӣ дошт, дар тамоми давлатҳои собиқ Шуравӣ барҳам хӯрданд.

Баъд аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар ҳамаи давлатҳои собиқ Шуравӣ иттифоқҳои касаба вобаста ба сохти давлатдорӣ аз нав ба фаъолият шуруъ намуданд. Намояндагони иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон низ соли 1991 Анҷумани XIV Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистонро даъват намуда, декларатсия оид ба ташкили Федератсияи иттифоқҳои касабаи Тоҷикистонро қабул намуданд. Ин анҷуман, ки дар вазъияти хеле мураккаби ҷамъиятию сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоии гузашт, дар фаъолияти иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон нақши калон бозид. Вакилони анҷуман дар бораи ташкили иттифоқҳои касабаи ҷумҳурӣ, оинномаву барномаҳои он қарорҳои даҳлдорро қабул намуданд.

Аз рӯзҳои аввали Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттифоқҳои касаба барои ташкили давлати ҳуқуқбунёду дунявӣ бахри ҳимояи шаҳрвандон бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пахлуи ҳам истода, дар ташкили сохтори давлатдорӣ саҳми худро гузоштанд.

Имрӯз агар ба таърихи рушди давлатдориамон назар афканем, бешубҳа, дар он мавқеи иттифоқҳои касабаи ҷумҳурӣ назаррас мебошад. Зеро дар қабули ҳамаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ намояндагони иттифоқҳои касаба барои ҳимояи шаъну шараф ва ҳуқуқҳои шаҳрвандон саҳмгузор мебошанд.

Ҳоло Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва ташкилотҳои ҳамузви он дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва корфармоён кӯшиш менамоянд, ки дар амалӣ гаштани сиёсати давлат нисбат ба масъалаҳои ҳавасмандии иқтисодӣ, инфрасохтори иҷтимоӣ, ки ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва кафолатҳои шаҳрвандӣ, аз ҷумла, ҳуқуқ ба таъмини бехатарии меҳнат, маълумот, ҳифзи сиҳатӣ, таъминоти иҷтимоӣ, дараҷаи муносиби зиндагиро таъмин менамоянд, саҳмгузор мебошанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар воҳӯрӣ бо фаъолони иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон, ки 24 октябри соли 2019 баргузор гардид, баён доштанд: “Бо итминон метавон гуфт, ки роҳбарону фаъолон ва аъзои иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон барои фароҳам овардани шароити шоистаи кор ва зиндагӣ ба мардуми шарифи Ватани азизи мо - Тоҷикистон содиқона хизмат хоҳанд кард”.

Ҷиҳати амалӣ намудани дастуру ҳидоятҳои Ҷаноби Олӣ Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо кумитаҳои соҳавии худ корҳои муайянеро роҳандозӣ намуда истодаанд.

Ҳоло мо дар остонаи санаи муҳимми сиёсӣ 33-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 33-солагии Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон қарор дорем ва махз бо дастгирӣ ва ғамхориҳои ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯзҳо дар сар то сари Тоҷикистони соҳибистиқлолмон амалҳои созандагию бунёдкорӣ идома дошта, садҳо иншооти гуногуни дорои аҳамияти иқтисодию иҷтимоӣ сохта, мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд. Сиву се сол дар назди таърих он қадар вақти калон нест, вале бо сиёсати оқилонаю хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат дар ин ҳангом дар мамлакат пешравиҳои чашмгир ва назаррас амалӣ гашта истодаанд ва мо-аъзоёни иттифоқи касаба дар амалӣ намудани ин иқдомхо саҳми худро хоҳем гузошт.

**Дороншо КАБУТАРШОЕВ, раиси Иттифоқи касабаи кормандони маорифи ноҳияи Рошткалъа**

# ҶАМЪБАСТИ СПАРТАКИАДАИ ВАРЗИШӢ



4 октябр дар даромадгоҳи Коҳи Суғдиёни шаҳри Хуҷанд маросими ҷамъбасти мусобиқаи варзишӣ аз рӯйи намудҳои шашка, шоҳмот, волейбол, баскетбол ва тенниси рӯйи миз баргузор гардид.

Раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилоят М.Самизода зимни суханронӣ дар ҷамъбасти ҷорабинӣ қайд кард, ки мақсади асосии ташкили чунин ҷорабиниҳо ин мустаҳкам намудани риштаи дӯстии байни аъзоёни иттифоқи касаба ва тахкими ҳаракати иттифоқҳои касаба мебошад.

Дар ҷорабинӣ чанде аз меҳмонон, аз ҷумла, муовини раиси вилояти Суғд Зийнура Азимӣ, сардори раёсати маорифи вилояти Суғд Мадина Набизода ва ректори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров Аюб Усмонзода - иштирок намуда, оид ба оммавигардонии варзиш, хосатан, шашкаву шоҳмот, тенниси рӯйи миз ва волейболу баскетбол фикру андешаҳои худро баён намуданд.

Дар намуди шоҳмот байни омӯзгорзанҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёнаи касбӣ ва олии вилоят Шарифова Фарида-омӯзгори фанни забони русии МТМУ №4-и ноҳияи Ашт созовори ҷойи якум ва байни омӯзгормардҳо Ҳоҷиев Умедҷон-омӯзгори фанни тарбияи ҷисмонии МТМУ №22-и ноҳияи Спитамен сазовори ҷойи якум гардида, бо тухфаҳо қадрдонӣ шуданд.

Инчунин, дар намуди шашка байни омӯзгорзанҳо Турдибекова Насиба-омӯзгори фанни географияи МТМУ №25-и ноҳияи Спитамен ва байни мардҳо Абдуллоев Баходур-корманди техникии литсейи № 6 шаҳри Исфара, дар намуди тенниси рӯйи миз байни занҳо Тӯхтаева Наргиза-омӯзгори тарбияи ҷисмонии МТМУ №6-и ноҳияи Спитамен ва дар байни мардҳо Тӯйчиев Мирраҷабмуаллими калони кафедраи тарбияи ҷисмонии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон сазовори ҷойи якум шуданд.

Дар намуди волейбол байни донишҷӯён дастаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон сазовори ҷойи якум гардида, бо диплом ва маблағи 1500 сомонӣ, дастаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров сазовори ҷойи дуюм гардида, бо диплом ва маблағи 1000 сомонӣ ва дастаи Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд соҳиби ҷойи сеюм шуда, бо диплом ва маблағи 700 сомонӣ сарфароз гардонида шуданд.

Инчунин, дар намуди баскетбол байни омӯзгорзанҳои муассисаҳои таҳсилоти олии вилоят дастаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон соҳиби ҷойи 1, дастаи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд соҳиби ҷойи 2 ва дастаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров соҳиби ҷойи 3 гардида, бо маблағҳои 1500, 1000 ва 700 сомонӣ қадрдонӣ шуданд.

# СЕМИНАРИ ДАСТУРДИҲӢ БО РАИСОНИ ТАШКИЛОТҲОИ ИБТИДОИИ ИТТИФОҚИ КАСАБАИ ШАҲРИ КОНИБОДОМ

Дар асоси нақшаи кории Иттифоқи касабаи кормандони маорифи шаҳри Конибодом 9-уми октябри соли ҷорӣ бахшида ба эълон гардидани соли 2024 - Соли маърифати ҳуқуқӣ бо ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касабаи кормандони маорифи шаҳри Конибодом семинари дастурдиҳӣ баргузор гардид.



Дар кори семинар Муҳаммад Қурбонов-мудири шуъбаи ҳифзи меҳнат ва ҳуқуқии Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Норбибӣ Ашӯрова-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маорифи шаҳри Конибодом ва раисони ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касабаи кормандони маорифи шаҳри Конибодом иштирок намуданд.

Муҳаммад Қурбонов-мудири шуъбаи ҳифзи меҳнат ва ҳуқуқии Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мақсад ва вазифаҳои иттифоқи касаба ва нақши раисони ташкилоти ибтидоӣ дар баррасии мурофиати кормандон маълумоти муфассал ироа намуд. Зикр гардид, ки вазифаи асосии иттифоқи касаба ин ҳифз намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои меҳнатӣ, касбӣ, иқтисодӣ, маънавӣ, зеҳнӣ, баланд бардоштани сатҳи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, шароити арзандаи зиндагӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои аъзои иттифоқи касаба дар асоси Оинномаи Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Инчунин, оид ба талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, ки бевосита ба соҳаи маориф ва иттифоқи касаба рабт дорад, маълумоти муфассалу судманд пешниҳод гардид. Аз ҷумла, дар бораи фармонҳои роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва тарзи ба расмият даровардани дафтарчаҳои меҳнатии кормандон, корбариву хуччатнигорӣ дар ташкилотҳои ибтидоӣ, тарзи ба қайд гирифтан ва баррасии мурофиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ маълумот дода шуд.

# ҶАМЪБАСТИ МУСОБИҚАИ ФУТБОЛИ КАЛОН БАЙНИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ВИЛОЯТИ СУҒД

Дар майдони варзишии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд дастаҳои омӯзгорону кормандони маорифи шаҳри Исфара ва ноҳияи Масчоҳ аз рӯйи намуди футболи калон байни ҳам рақобат намуданд.

Мусобиқаи мазкур бо натиҷаи 3 бар 1 ба фоидаи дастаи омӯзгорону кормандони маорифи ноҳияи Масчоҳ анҷом ёфт.

Лозим ба ёдоварист, ки тули як моҳ дар ҳамаи шаҳру ноҳияи вилояти Суғд мусобиқаи футболи калон, бахшида ба Рӯзи иттифоқҳои касаба идома намуд.

Ба ғолибони давраи вилоятӣ аз ҷониби Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Суғд дипломи дараҷаи 1, 2, 3 ва туҳфаҳои хотиравӣ супорида шуд.



Ҳамзамон, дарвозабони беҳтарин, ҳимоятгари беҳтарин, нимҳимоятгари беҳтарин ва нишонзани беҳтарин, ки маҳорати баланд нишон доданд, аз ҷониби Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Суғд бо туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд.

Дар маросими ҷамъбасти мусобиқаи варзишӣ раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Суғд М.Самизода ва раисони Иттифоқҳои касабаи кормандони маорифи шаҳру ноҳияҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олии вилоят иштирок намуда, ба ғолибон дипломи ва туҳфаҳои хотиравӣ супориданд.



**ФИРӮЗА АСФИЯЕВА**

2 октябри соли равон яке аз фидоёни соҳаи маориф, собиқ корманди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Асфияева Фирӯза Маҳмудовна аз дунё даргузашт.

Фирӯза Асфияева 23 октябри соли 1969 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст ва соли 1991 ДДОТ ба номи С. Айнӣ бо ихтисоси забон ва адабиёти рус дар мактаби миллӣ хатм кардааст. Баъди хатми мактаби олӣ, солҳои 1993-1995 ба сифати мураббияи кӯдакистони №12-и шаҳри Душанбе, солҳои 1995-1996 муаллимаи забони русии мактаби миёнаи №82-и шаҳри Душанбе, солҳои 1996-1997 муаллимаи забони русии мактаби миёнаи №77-и шаҳри Душанбе, солҳои 1997-2003 методисти шуъбаи таълими факултети фермерии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур кор кардааст. Мавсуф аз соли 2003 то охири умр дар вазифаҳои мутахассиси пешбари идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутахассиси пешбари раёсати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сармутахассиси раёсати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Ф. Асфияева дар давраи фаъолияти худ дар вазорат бо масъулиятмандиву корсонӣ тавонист дар пешрафту рушди соҳа саҳми арзанда гузорад. Ёду номи некаш ҳамеша дар қалбҳо боқӣ хоҳад монд.

Роҳбарият ва кормандони Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз даргузашти яке аз фидоёни соҳаи маориф, собиқ корманди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон **АСФИЯЕВА ФИРӮЗА МАҲМУДОВНА** андуҳгин буда, ба пайвандону наздикони марҳум ҳамдардӣ баён менамоянд.

ҲОМИИ ОМӮЗГОР

Муассис: Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

e-mail:kasaba_tj@mail.ru

САРМУҲАРРИР
Э. Хушбахт

Телефонҳо:
238- 55-91 - сармуҳаррир
238- 55-82 - раёсати кадрҳо
238- 55-84 - ҳифзи меҳнат
238-55-85 - раёсати молия
Рақами интернетӣ:
(+992) 887-00-55-58

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: М. Қурбонов, Қ. Раҳимов, Ф. Буризода

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
З. Нозакзода
М. Ширинзода
М. Самизода
С. Шогуланфаров
Н. Ҷураева

Моҳнома 31 октябри соли 2012 таҳти рақами 0032/ рз дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шудааст.

Моҳнома ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мекунад, ки метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.

Дар ҶДММ «Мега-принт» (кӯчаи Борбад 36 ) ба чоп расидааст. Адади нашр: 4800

Нишонии моҳнома: шаҳри Душанбе, хиёбони Неъмат Қарабоев-17, гузаргоҳи 1.

ҲОМИИ ОМӮЗГОР